Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004,
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

Муқарризи аввал доктори илмҳои география, профессор Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович ба диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).

Дисертатсияи номзадии Абдулов Дилшод Назарович ба яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳими иқтисодиёт, яъне такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ ҷумҳурӣ бахшида шудааст.

Маълум аст, ки солҳои охир дар сатҳи ҷаҳонӣ истихроҷи босубот ва аксар ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ боиси ташвишу хавфи ҷиддӣ гардидааст. Мувофиқи маълумотҳои дақиқ соле дар дунё қариб 3 млрд тонна ангишт, зиёда аз 1,5 млрд тонна нефт ва 2 млрд тонна навъҳои дигари сӯзишворӣ истихроҷ мешавад, ки онҳо манбаи асосии олудашавии ҳавои атмосфера мебошанд.

Дар диссертатсия масъалаи идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки дар он дар баробари ба миён овардани муҳити солими соҳибкорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин ба масъалаи азхудкунии захираҳои табиӣ, бунёд намудани корхонаҳои бепартов, тоза нигоҳ доштани муҳити зист диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Диссертатсияи мазкур аз сарсухан, се боб, нуҳ параграф, хулоса, пешниҳодҳо, ҷадвал, диграмма ва рӯйхати адабиёт дар 221 саҳифаи компютери иборат мебошад.

### Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.

**1. Таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ба бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.1. Коркарди муаммоҳои илмӣ идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарқкунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити кунунӣ. Усули (принсипҳои) ташкил, захираҳо ва раванди идоракунии оммавӣ.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун механизми идоракунии захиравӣ ё худ ҳамгироӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки он бевосита бо дуруст ҷо ба ҷо гузоштани

захираҳо ва истифодаи самараноки онҳо барои таъмини талаботи имрӯза бо назардошти ба назари эътибор гирифтани талаботи наслҳои оянда равона карда шудааст, ки ҳадаф аз он устувор нигоҳ доштани икдидорҳои истеҳсолии корхонаву ширкатҳо дар заминаи мутобиқгардонии онҳо бо хусусияти зудтағйирёбандагии бозори ҷаҳонӣ ва нигоҳдории вазъи устувори рақобатпазирии хеш дар бозори ҷаҳонӣ бошанд.

Гузариш ба рушди босубот зарурати ба системаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дохил намудани омили экологиро ба миён меорад, ки онро метавон тавассути таҳия ва баҳисобгирии нишондиҳандаҳои рушди босубот дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ ба даст овард.

Таърихи рушди механизмҳои менеҷменти идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷаҳон гувоҳӣ медиҳанд, ки инсоният дар ҷараёни зиндагӣ ва кору фаъолияти хеш, аслан, ба истеъмоли беандозаи сарватҳои табиӣ сару кор дошта, механизмҳои нодурусти идоракуниро истифода кардааст, ки дар натиҷа имконияти азнавтабдилёбии захираҳои табиӣ оҳиста-оҳиста маҳдуд шуда истодааст.

Мутаассифона, тарзу усули механизмҳои назоратии роҳбарии инсонӣ на барои нигоҳдории мувозинати табиӣ, балки ба таъмини талаботи афзоишёбандаи он равона гардида, ҳатто такрористеҳсолкунии сарватҳои табииро зери хатар гузоштааст.

Сарватҳои табиӣ бо захира ва имконоти экологии муайян вуҷуд дошта, талаботи одамонро аз рӯи он қонеъ мегардонад.

Аммо талаботи инсоният рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, истифодаи сарватҳои табииро садҳо маротиба зиёд намудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навоварии илмии таҳқиқотӣ.** Ба натиҷаҳои асосие, ки дар онҳо элементҳои илмии навовариҳои тадқиқот нигоҳ дошта мешаванд ва предметҳои ҳимояшаванда ба шумор мераванд, инҳо дохил мешавад:

- моҳият ва мафҳуми механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ таҳқиқ шуда, нуқтаи назарияи муаллиф нисбат ба ин мафҳумҳо ифода ёфтаанд, имкон медиҳанд,ки моҳияти гурӯҳбандии захираҳои табиӣ ҳамчун раванди васеъкунони ва такмилдиҳии сохтори идоракунии соҳавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ равона гардида ба истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ бо мақсади таъминоти рушди босубот ва баландбардории рақобатпазирии идоракунии иқтисодиёт равшану возеҳ карда шаванд;

- аз нигоҳи назаривӣ-консептуали исбот карда шудааст, ки зарурият ва моҳияти иқтисодӣ-экологии такмилдиҳии механизмҳои менеҷменти идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти захираҳои табиӣ

ва равишҳои инкшофи он дар шароити муосир ба талаботҳои рушди идоракунӣ пешиҳод карда шавад;

- баҳогузории потенсиалӣ механизмҳои идоракунии захираҳои табиии вилояти Хатлон бузургтарин минтақаи мамлакат дар системаи комплексии иқтисодиёт-иҷтимоиёт экология сиёсат афзалиятнок ва имконияти потенсиалӣ риояи стандартҳои менеҷменти рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ таҳлилу барасӣ шуда, равишҳои навин пешниҳод шудааст;

- механизмҳои стратегии идоракунии давлатии рушди босуботи мамлакатро дар системаи ягонаи иқтисод-иҷтимолиёт-экология-сиёсат муайян карда шудаааст, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ба сатҳи баҳодиҳии рушди иқтисодиёти хурд дар дурнамои дарозмуддат дар шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва исбот карда шудаанд;

- илман асоснок карда шуданд, ки вобастагии такмилдиҳии механизмҳои идоракунии стратегии менеҷменти истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ба захираҳои молиявию меҳнатӣ ва механизмҳои такмилдиҳии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ аз нигоҳи назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мувофиқгардонида шавад;

- ҷанбаҳои методии арзёбии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ такя ба омӯзиши назарияҳо-методологияҳои илмӣ кор кард шуда, дар он рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун заминаи нигоҳдошт ва ташаккули иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зистро доро мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифта, индикаторҳо, принсипҳо ва омилҳои низоми рушди босубот арзёбӣ гардидаанд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия.**

1. Заминаҳои пайдоиш, моҳият ва аҳамияти механизмҳои инноватсионии идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва риояи қоидаҳои рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми махсуси таъминкунандаи устуворнокии идоракунии истифодаи табиат;

2. Механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои табиӣ, аз маҷмуи санадҳо ва қонунҳою механизмҳои идоравӣ ҳамчун равишҳои илми консептуалии ҳавасмандгардонӣ, маблағгузорӣ ва фишангҳои назоратии менеҷмент ва механизмҳои қабули қарори роҳбарӣ пешниҳод шудаанд;

3. Ҷанбаҳои методии идоракунии механизмҳои рушди босуботи иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ баррасӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки вазъи рушди босубот дар асоси унсурҳои методӣ, аз он ҷумла методҳо ва индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) баҳогузорӣ гардида, омилҳои асосии он муайян карда мешавад;

4. Ҳолатҳои механизмҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ ва баҳогузории потенсиалӣ табиӣ захиравии вилояти Хатлон, афзалияти рақобатпазирӣ ва имконияти потенсиалии идоракунии менеҷменти рушби босуботи вай дар комплекси саноатии Тоҷикистон исботи илмиву назариявӣ карда шудаанд;

5. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва консепсияҳои стандартии идоракунии давлатии рушди босуботи ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ имкон дод, ки ҷузъиёти муҳими механизмҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур азхуд карда, дар амал татбиқ шаванд;

6. Марҳилаҳои асосии ташаккули консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушди менеҷменти давлатӣ такмили идоракунӣ ва механизмҳои ояндабинӣ стратегии менеҷменти корхонаҳо оид ба рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ барои солҳои 2030-2050 пешниҳод карда шудааст.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани диссертатсия.** Бо ҳама дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло масъалаи такмили механизми идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва нақшаи истифодаи он барои мамлакат, таҳлили воқеии иқтисодиёт ва нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ба таври кофи асоснок нагардидааст, ҳоло он ки ин масъала дар мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ таҳқиқ гардидааст.

Дар таҳқиқоти олимони соҳа то ҳол усулҳои мукаммалгардонии идоракунӣ ва дастгирии соҳа дар шароити кунунӣ ба таври пурра баррасӣ нагардидааст, ки ин барои асоснок намудани рушди самаранокии соҳаи мазкур садди роҳ мегардад.

Муаллифи диссертатсияи дар ин ҷода қадаме ба пеш гузоштааст.

Диссертатсияи мазкур бори аввал аз назари иқтисодӣ баҳои илмӣ гирифта, дар самти идоракунии рушди босубот дар шроти Тоҷикистон бори нахуст пешниҳод мешавад. Ба фикри мо ин сами арзандаест, ки дар пешрафти илми иқтисодиёт оид ба масъалаи идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираои табиӣ мамлакат.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ҳалли муаммоҳо дар он фаҳмида мешавад, ки қонунияти объективии табиат вуҷуд доранд, ки бояд одамон ба онҳо итоат кунанд. Аммо дар шароити ҳозира ин қонуният аз тарафи олимон ба таври кофи омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки дар бисёр ҳолат омӯхтани сабаби мувофиқ наомадани байни ҳолати табиию меъёрӣ ва воқеии вазъи идоракунии низоми табиию хоҷагидорӣ ғайриимкон аст.

Дар амалия истифода намудани натиҷаҳои илмӣ барои такмили механизми инноватсионии идоракунии рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ мамлакат ва стратегияи ояндабинии он барои солҳои 2030-2050-ум моҳияти хеле соддакунии рушди босуботиро дорад.

Паҳлуҳои алоҳида, хулоса ва тавсияҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонад дар барномаҳои таълимӣ барои фанҳои зерин «Менеҷменти

экологӣ», «Менеҷменти хиради роҳбарӣ», «Менеҷменти стратегӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Идоракунии сармоягузорӣ», «Иқтисодиёти сарватҳои табиӣ» ва инчунин, дар нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуъ асоснок шуда, мақсад ва вазифаҳои дарпешгузошташудаи кори илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмии он таҳия шудаанд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар сарсухан, се боб ва хулосаи он кушода шудааст. Мақсад ва вазифаои дар пеш гузошташудаи худро муаллифи диссертатсия пурра иҷро намудааст ва худи диссертатсия аз рӯи талаботҳои илми ҷавобгӯй мебошад.

**Дар боби аввал "Асосои консептуалӣ-назариявии ташаккулёбии механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ"**, муаллиф назари олимону мутахассисонро оид ба ҷанбаои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ таҳлил намудааст. Диссертант дуруст ишора намудааст, ки дар замони муосир рушди ҳамаи саҳаҳои иқтисодиёти миллӣ пеш аз ҳама идоракунии дуруст вобастагӣ дорад. Муаллиф дар ин ҷо фикри Н.К. Василиевро овардааст, ки ба ақидаи ӯ ба комплеки хоҷагидорӣ, муқарар кардани тартиби механизми идоракунии сарватҳои табиӣ ва истифодаи онҳо дар истесолот, гузаштан ба саноати навро мефаҳмонад.

Дар саҳифаи 18 Хачатуров Т.С. оварда шудааст, ки гуфтааст ... кам кардани истеъмоли захираҳои табиӣ на танҳо ба такмил додани равандҳои истихроҷи ашёи хом, баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои камҳосил, истифодаи комплексии ашёи хоми истихроҷшуда, тоза ва безарар кардани партовҳо, яъне ки одатан ба мафҳуми идоракунии табиат ва муҳити зист алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз муаллиф ин ақидаро такмил дода навиштааст, ки барои Тоҷикистон зарур аст, ки чораҳои ба рушди механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ мусоидаткунандаро аншедида, онҳоро дар амал ба шароти кишвар мутобиқ намуда дар амал тадбиқ намояд. Ба ин мақсад оид ба рушди босуботи экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ андешаи профессор Ғаниев Т.Б. низ овардааст, ки .....Рушди босубот ин муътадилсозии вазъи захираҳо нест, балки ҷараёни тағйир додани онҳо мебошад, ки тавозуни истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти оянда таъмин мекунад.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки аксарияти фаъолияти инсонӣ дар тӯли таърих на барои нигоҳдории мувозинати табиат, ҳатто такрористеҳсолии сарватҳоро зери хатар гузоштааст. Дар ҷадвали 1.2. панҷ давраи тағйирёбии ҷаҳонии идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ нишон дода шудааст. Яъне, давраи

аввал- ин давраи аграрии рушди иқтисодии инсоният; Давраи дуюм- ин давраи рушди санаотӣ; Давраи сеюм- давраи тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ (солҳои 70-80 асри гузашта); Давраи чорум-гузариши бемайлон ба системаи техникиву технологӣ; Давраи панҷум-давраи баъди ҷаҳонии глобалӣ ва бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, ки аз солҳои 2008-2009 оғоз шуда, то имрӯз давом дорад.

Инсоният дар атрофии ҷустуҷӯи таҳқиқотҳои чуқури илмии захираҳои табиӣ, олами растаниҳо ва ҳайвонот, омӯзиши қонуниятҳои зиёдшавии онҳо ва тарзи ҳаёту барқароршавии онҳо ва дигар масоили камхарҷи истеъмолӣ андеша намуда, роҳи илман асоснокшудаи иқтисодиро пеш гирифта истодааст. Дар охири асри 20-алаккай инсоният ба тамомшавандагии захираҳои табиӣ боварии пурра ҳосил карда, дар ҷустуҷӯи роҳҳои самаранок истифодабарӣ ва барқароркунии он мебошад.

Ин дар навбати худ, як қатор масоили экологию иқтисодиро ба миён овардааст, ки ҳалу фасли онҳо аз масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб меравand. Аз рӯи ҳисобҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки инсоният ҳамагӣ 10% захираҳои табииро истифода бурда, боқимондаро ҳамчун партовҳо хориҷ менамудааст.

Таҳлили тараққиёти иқтисодию экологии Тоҷикистон менависад муаллиф-нишон медиҳад, ки мо дар садсолаи охир нисбат ба ҳамаи давраҳои зиндагониамон дар мамлакат сарватҳои табииро бештар истифода карда ва ба ин васила ба маҳити зист таъсири манфии зиёд расонидем. Ҳамин тавр зарурияти инкишофи идоракунии босуботи экологию иқтисодӣ длар замони истиқлолияти Тоҷикистон, пеш аз ҳама талаби худи ҳолати иқтисодию экологии мамлакат мебошад.

Дар ин боб муаллифи диссертатсия тамоми арвишҳои назариявию андешаҳои донишмандони дохилию беруниро мавриди таҳлил қарор дода, механизмҳои навини идоракунии рушди бехатарии босуботро дар шакли назариявӣ пешкаш намудааст.

**Дар боби дуюм “Таҳлили механизмҳои танзим ва идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ Тоҷикистон”** ном дошта. Аслан дар он самтҳои иқтисодии такмили идоракунии захираҳо ва такмили механизми идоракунии рушди босубот мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ҳуҷҷати асосии давлатӣ ба шумор меравад, ки самтҳои асосии рушди устувори ҷомеа, мувозинати захираҳои табиӣ ва истифода-барандагони он, ташкил ва ҳамоҳангсозии муносибати истифо-дабарандагони захираҳои табиӣ ва худи табиат, рушди солими ҷомеа, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин роҳҳои барқароркунии фазои экологии вайроншударо муайян менамояд.

Амалии Барнома барои ба давраи рушди босубот гузаштани мамлакат, анъанаи истифодаи фаъоли захираҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ҳамасола авҷ мегирад. Дар оянда бо сабаби афзоиши теъдоди аҳоли масъалаи истифодаи захираҳои табиат боз ҳам тезу тунд мегардад. Дар ин алоқамандӣ, дар доираи таҳқиқоти мазкур, зарур аст, то усулҳо ва принсипҳои ташаккулёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар илм ва таҷрибаи иқтисоди минтақавӣ оид ба азхудкунии сарватҳои табиӣ коркард карда шаванд.

Нисбати ҷойгиршавии корхоанҳои вилояти Хатлон қайд карда мешавад, ки фаҳмиши пасти роҳбарияти корхона ҷиҳати вайрон крадани муҳити зист ва нодуруст истифодабарии захираҳои табиӣ мегардад.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳое мебошад, ки дорои захиарҳои зиёди корӣ ва табиии дар ҳолати вазнини экологӣ-иқтисоди ҷойдошта мебошад. Барои беҳтар намудани вазъи экологӣ бояд намудҳои гуногуни ҳавасмандкунии истифода шаванд. Яке аз намудҳои маъмули ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ин ҷарима барои вайрон кардани қонунҳои идоракунии кологӣ мебошад. Маблағи ҷарима аз дараҷаи ифлосшавӣ нисбат ба стандартҳои мукараршуда вобаста аст.

Масалан, дар давлатӣ Нидерланд, микдори ифлоскунандаи партофташудаи моддаҳо барои муайян кардани андозаи ҷарима ҳамчун асос хизмат мекунанд. Чораҳои андоз яке аз роҳҳои муассир ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист мебошанд.

Дар Шветсия диққати асосӣ ба назорати маъмурӣ равона карда шудааст, гарчанде ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба усулҳои иқтисодӣ афзоиш ёфтааст. Асоси системаи назорат ин муқаррароти умумии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки барои додани иҷозатномаҳо ва назорат аз болои намудҳои гуногуни фаъолияти ифлоскунанда ва дигар намудҳои ҳамкорӣ дар муҳити атроф заминаро ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи пешниҳод шудаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мақомоти федералии захираҳои табиӣ бояд дорандагони маблағҳои федералии сармоягузорӣ бошанд ва барои тақсимоти онҳо масъул бошанд. Аммо идоракунии намудҳои муайяни захираҳои табиӣ дар баъзе ҳолатҳо истифодаи усулҳо ва принсипҳои мушаххасеро талаб мекунад, ки ба мақомоти сатҳи поёни салоҳият доранд.

Барои ба дараҷаи баланд бардоштани рақобатнокии иқтидори иқтисодиёти вилояти Хатлон бояд ба самтҳои хело муҳими рушд,ки дар марҳилаи имрӯза то ҳанӯз истифода нашудаанд, диққати болотар дода шаванд. Яъне ин пеш аз ҳама бастани созишномаҳои манфиатнок дар самти коркарди захираҳои табиӣ ва такмили идоракунии рушди босуботи корхонаҳои истеҳсолии кампартов мебошад.

Дар параграфи дуюми боби 2, сухан аз боби такмили механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ вилояти Хатлон меравад.

Захираҳои потенсиалии вилоят хелло бузург буда, ба ҳиссаи он 53% заминҳои корам, 54% майдонҳои кишти ғалладонагиҳо ва 67% заминҳои кишти пахтаи мамлакат рост меояд. Дар ҷадвали 2.5. ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии рушди механизми босуботи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон нишон дода шудааст. Минбаъд муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар вилояти Хатлон таҷрибаи таҳия ва татбиқи барномаи дарозмуддати рушд қарор дорад, зеро «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025» таҳия гардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2015 сол, таҳти № 420 тасдиқ гардидааст. Ин барнома бо мақсади пешбинии болоравии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят, ташкили ислоҳот дар минтақа, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ вобаста мебошад.

Ҳамчунин, дар доираи Барнома барои ноил шудан ва фароҳам овардани шароити баробаршавии минбаъдаи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар, бо назардошти иқтидорҳои босуботи табиию иқтисодӣ ва меҳнатии ҳар яки онҳо пешбинӣ шуда буд.

Аз тарфи дигар қайд карда мешвад, ки самаранокии фаъолияти истифодабарӣ вобаста ба ҳифзи табиат ба ҳавасмандсозии молиявӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии корхонаҳо ва ташкилотҳо алоқаманд мебошад. Ҳавасмандгардонии истифодабарандагони табиат дар гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи табиат ва истифодаи дурусти захираҳои табиӣ бояд бо кӯмаки механизмҳои инноватсионии идоракунии иқтисодии истифодабарии табиат, ки системаи пардохтҳои экологиро пешбинӣ менамояд, доир карда шавад.

Барнома самтҳои афзалиятнок ва сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро барои давраи дарозмуҳлат муайян менамояд ва барои ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои замонавии иҷтимоӣ, инфрасохтори муосир, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, беҳтар гардонидани муҳити зист, баланд бардоштани зиндагонии аҳолӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва инчунин, зиёд шудани табақаи миёнаи аҳолии вилоят замина мегузорад.

**Боби сеюм. “Стратегияи такмили механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI”**. ном дорад.

Дар ин боб муаллифи диссертатсия дуруст ишора намудааст, ки масъалаи таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои амалкунанда, танҳо аз ҳисоби тадбиқи усулҳои стандартии муайяншуда метавонад ҳал шавад.

Аз ин лиҳоз ӯ қайд менамояд, ки мақсади асосии рушди босуботи иқтисодӣ таъмини талаботи инсоният бо назардошти насли оянда ном гирифта, то ин давра ҳанӯз манфиати худро гум накардааст. Дар ҳуҷҷати тасдиқкунанда мувофиқи қарори Конференсия дар Рио-де- Жанейро бо

мавзуи «Мавзуи рӯз дар асри XXI» ном гирифта, ин ҳуҷҷатро тамоми давлатҳо дастгирӣ намудаанд ва боз таклифҳои навин оид ба аз нав дида баромаданаш роҳу равиши навини рушди нерӯи инсонӣ ба инобатгирии масоили иқтисодию иҷтимоии рушди ҷомеа пешниҳод карда шуданд, ки ин махсусан хислати фарққунандаидавраи аввалаи консептуалӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи идоракунии ҳифзи захираҳои табиӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт, ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Минбаъд муаллиф дар таҳқиқотҳои худ нокифоягии механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодиро дар асоси чун сарчашмаҳо ишора медиад:

1.Ифлосшавии захираҳои обӣ (ҳар сол танҳо аз ҳисоби ифлосшавии об зиёда аз 2 млрд одамон ба бемориҳои сирояткунанда дучор мешаванд);

2.Ифлосшавии ҳаво (аз ин ҳимсоб ҳар сол дар ҷаҳон зиёда аз 3 млн одамон ба бемориҳои нафас гирифтор шуда нобуд мешаванд);

3.Биёбоншавӣ (аз ин ҳисоб дар оянда ҳаёти як млрд аҳолӣ дар зери хавфи экологӣ қарор дорад);

4.Тағйирёбии глобалии иқлим (боиси зиёди офатҳои табиӣ гашта, ҳазорҳо одамон нобуд гашта милиардҳо доллар зарари иқтисоди меоварад);

5.Боронҳои кислотагӣ (дар бисёр шарҳои саноатӣ он боиси зарари зиёди иқтисоди мегардад).

Ҳаимн тавр муаллиф чунин хулоса мекунад, ки инсоният фақат бо роҳи риояи олии қонуниятҳои табиӣ, экологӣ ва эҳтрому гиромидошти рушду такомули фарҳангӣ миллӣ, илмию дониши касбӣ, дину оин ва анъанаҳои таърихи муносибат ба табиату сарватҳои табиӣ, ки гузаштагони инсониятҳо тавсифу тасвир карда омадаанд метавонанд, инсонҳоро аз ин хатар ҳифз намоянд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф нишон медиҳад, ки тадбиқи консепсияи рушди босубот ва сатҳи баланди идоракунӣ, мавҷудияти нобаробарии истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақаҳои мамлакат бартараф карда шуда, минбаъд имконияти такмили фаъолияти муносиб таъмин хоҳад гашт.

**6. Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллфии диссертатсия мазмуну корҳои таҳқиқоти ва хулосаю пешниҳодҳои худро дар 23 мақолаи илмӣ аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия**

Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**8. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия - Абдулов Дилшод Назарович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Мувофиқи автореферат ба мазмуни диссертатсия ва маводи дар он пешниҳодшуда, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар диссертатсия якчанд эродҳо ба назар мерасанд ки онҳо чунинд:

1. Хуб мешуд, ки ҳаҷми диссертатсия то андозаи 170 саҳифа кутоҳ карда шавад;

2. Ҳаҷми зиёду боиси такрори саҳифаҳо гузаштааст. Масалан саҳифаи 24 дар саҳифаи 36 ва саҳифаи 25 боз дар саҳифаи 38 айнан такрор ёфтааст;

3. Зербоби дуюм (боби 2) самтҳои иқтисодии такмили идоракунии захираҳо ва риояи стандартҳо дар равандҳои ташаккули рушди босубот дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумхурии Тоҷикистон ном дорад ( саҳ 76-

96). Вале сухан нисбати вилояти Хатлон танҳо аз саҳифаҳои 76 то 81 мераваду халос;

4. Дар саҳифаи 115 омадааст, ки аҳолии шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Сарбанд бо гази табиӣ аз ҳисоби конҳои Қизимтумушқ, Хоҷа Сартез ва Бештентоқ таъмин мешаванд. Вале захираи кони Қизилтумушқ кайҳо боз тамом шудааст;

5. Дар диссертаиси номҳои ким-кай ивазшуда ба мисли Ақбошадир, Кичик-Бел ва Қизилтумушқ ва ғайра оварда шудаанд (с.115);

6. Аз баски дар диссертатсия сухан аз боби истифодаи захираҳои табии Тоҷикистон меравад, хуб мебуд, ки харитаи сарватҳои табиӣ ҷумҳурӣ пешниҳод карда мешуд;

7. Барои беҳтар дарк намудани ҳолати мавҷуда, нишон додани баъзе ҷадвалҳо ба шакли график ба мақсад мувофиқ мебуд;

8. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ ин эродҳо мазмун ва арзиши баланди илмии диссертаисяро коста нагардонида, хусусияти ҷузъи доранд ва танҳо ба хотири беҳбудии кор дар оянда арзёби шудаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст бо талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои
география, профессори кафедраи
методикаи таълими география
ва туризми ДДОТ ба номи С.Айнӣ Муҳаббатов Х.М.

**Имзои Муҳаббатов Х.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ А. Мустафозода